**Ба Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**муҳтарам Рустам Шоҳмурод**

Нусха: **Ба Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**муҳтарам Раҳмон Юсуф Аҳмадзод**

Нусха: **Ба Муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сардори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ВА Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**муҳтарам Умаров Мансурҷон Ғаффорович**

**Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон ба оилаҳои кормандони фавтидаи СРИҶҶ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҳбусони ҳангоми ба миён омадани ошӯб дар муассисаҳои ислоҳотии кишвар ҳалокшуда ҳамдардии амиқ изҳор мекунад.**

**Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ аз ҳолатҳои ба миён омадани ошӯб ва бетартибиҳо дар муассисаҳои ислоҳотии кишвар нигарон буда, гузаронидани тафтиши ҳамаҷонибаи сабабҳои рух додани ошӯб, ба ҷавобгарӣ ҷалб кардани шахсони гунаҳгор, иттилоъ додан ба ҷомеа оид ба натиҷаҳои чунин тафтишот ва барои гузаронидани мониторинг ба ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ роҳ додани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносони мустақил, бо шумули Кумитаи Салиби Сурхро дархост менамояд.**

Мувофиқи иттилои расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттилооти ВАО, бегоҳи 19-уми май дар колонияи низомаш пурзӯр воқеъ дар шаҳраки Роҳатии шаҳри Ваҳдат бо мақсади ташкили фирор миёни маҳбусон ва нозирон моҷаро ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи он кормандони муассисаи ислоҳотӣ ва маҳбусон фавтиданд.

Гуруҳи иборат аз ҳудуди 30 нафар маҳбусон, ки барои аъзогӣ дар «Давлати исломӣ» (ташкилоти мамнуи террористии «Давлати исломии Ироқу Шом», ДИИШ)[1] маҳкум шудаанд, бо корд ҷароҳатҳои марговар расонида, се корманди муассисаи ислоҳотӣ ва панҷ маҳбус, аз ҷумла собиқ мухолифинро ба қатл расониданд, дигар маҳбусонро латукӯбу захмӣ карданд, қисми тиббии маҳбасро оташ заданд, якчанд маҳбус ва тибқи иттилои ғайрирасмӣ, чанд корманди колонияро гаравгон гирифтанд[2].

Дар рафти амалиёт барои фурӯ нишондани бетартибиҳо 24 маҳбус кушта шуда, 35 нафари дигарашон боздошт гардиданд. Дар ошӯб се нафар нигаҳбон ва 29 маҳбус кушта шуданд, ки «бо ҳашт нафари онҳо маҳбусон худашон сарукор

[3] https://reporting.cabar.asia/ru/osh-b-dar-zindoni-va-dat-charo-muzokira-surat-nagirift/ (27.05.19 г., 09:22) 21. 05.2019 с.
[3] https://reporting.cabar.asia/ru/osh-b-dar-zindoni-va-dat-charo-muzokira-surat-nagirift/ (27.05.19 г., 09:22) 21. 05.2019 с.

гирифтаанд». Тибқи иттилои сарчашмаҳои ғайрирасмӣ, ҳудуди 50 нафар (аз 32 то 55[3]) вафот карда, 30 нафар захмӣ шудаанд.

Ин аллакай дуюмин ошӯб дар маҳбасҳои Тоҷикистон тӯли ду соли охир аст, ки ҳаёти нафарони зиёдро рабуд. Шаби 7 ба 8-уми ноябри соли 2018 дар колонияи низомаш пурзӯри шаҳри Хуҷанд ошӯб ба миён омад, ки дар натиҷаи он, мувофиқи маълумоти ғайрирасмӣ, 53 нафар фавтида, 186 нафар захмӣ шуданд, шаш нафар корманди колония ба беморхона интиқол дода шуда, ду нафар ҳангоми ошӯб вафот карданд[4].

Нигаронии ҷиддии аъзои Эътилофро фавти одамон, маълумотҳои зидду нақиз дар ВАО ва набудани иттилооти муътамади расмӣ ба вуҷуд овардааст. Хешовандони маҳбусон оид ба тақдири аъзои оилаҳояшон иттилои саривақтӣ намегиранд, хабар дода мешавад, ба он аъзои оилаҳое, ки ҷасади маҳбусони кушташударо додаанд, мақомот дар гузаронидани анъанаҳо ҳангоми дафнашон монеагӣ мекунанд. Стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Қоидаи 72-и Стандартҳои ҳадди ақали СММ оид ба муносибат бо маҳбусон дар назар гирифтааст, ки «маъмурияти маҳбас бояд бо ҷасади маҳбуси фавтида ба таври шоиста ва бо эҳтиром муносибат намояд ва барои гузаронидани дафн мувофиқи анъанаҳои фарҳангӣ мусоидат кунад, агар ҷониби дигари масъуле вуҷуд надошта бошад, ки хоҳиш ва ё имкони амалӣ намудани ин корро дошта бошад».

Инчунин, мо аз шумораи зиёди қурбониён ва истифодаи қувваю яроқи оташфишон ҳангоми фурӯ нишондани ошӯб нигаронем. Принсипҳои асосии СММ оид ба истифодаи қувва ва силоҳи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдор барои нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ[5] эътироф мекунанд, ки таҳдид ба ҳаёт ва бехатарии шахсони масъули таъминкунандаи тартиботи ҳуқуқӣ бояд дар умум ҳамчун таҳдид ба суботи ҷомеа ба назар гирифта шавад ва бояд ҳолатҳое пешбинӣ карда шаванд, ки кормандони маҳбасҳо тавонанд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои худ аз қувва истифода баранд. Ҳамзамон, дар ҳама ҳолатҳое, ки истифодаи қувва ё силоҳи оташфишон ногузир аст, шахсони масъули таъминукунандаи тартиботи ҳуқуқӣ бояд расонидани зарару ҷароҳатро ба ҳадди ақал расонанд ва ҳаёти инсониро ҳифз кунанд; дар кӯтоҳтарин муддат ба дилхоҳ захмӣ ва шахси зарардида расонидани кӯмаки тиббӣ ва дигар кӯмакҳоро таъмин намоянд; мусоидат карда шавад, то хешовандон ё дӯстони наздики захмиҳо ва ё нафарони зарардида дар муддатҳои кӯтоҳтарин огоҳ карда шаванд.

Эътилоф боварӣ дорад, ки мониторингҳои ҷойҳои маҳрумият аз озодии якҷоя бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда кофӣ нестанд ва барои кори боз ҳам бештари системавӣ бо маҳбусон чандин маротиба дастрасии доираи васеи коршиносони мустақил ва ҳимоятгарони ҳуқукро ба ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дархост карда буд. Мутаассифона, то ҳол институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои гузаронидани мониторинг ва санҷиши маълумот оид ба нақзи

---

[3] https://reporting.cabar.asia/ru/osh-b-dar-zindoni-va-dat-charo-muzokira-surat-nagirift/ (27.05.19 г., 09:22) 21. 05.2019 с.
[4] https://www.fergananews.com/articles/10282, https://rus.ozodi.org/a/29596314.html
[5] Аз ҷониби Конгресси СММ оид ба огоҳсозии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон қабул шудааст. Гавана, Куба, 27-уми август - 7-уми сентябри соли 1990

имконпазири ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби маҳбусон ворид мегарданд, ба ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ дастрасӣ надоранд.

Мо боварӣ дорем, ки а) риояи кафолатҳои асосии ҳуқуқи маҳбусон; б) барқарор намудани ҳамкорӣ бо маҳбусону боздоштшудаҳо дар асоси инсондӯстиву адолат ва риояи ҳуқуқҳои онҳо; в) таъмини шароити корӣ барои кормандони маҳбас; г) коркарди барномаҳо дар самти баргардонидани шахсони бо ҷурми терроризм ва экстремизми зӯроварона маҳкумшуда ба ҳаёти муътадил ва офиятбахшии онҳо бо мақсади огоҳсозӣ аз радикалӣ шудани маҳбусон; д) омӯзиши системавии кафолатҳои асосии ҳуқуқи маҳбусон, хусусияти кор бо гуруҳҳои муайяни маҳбусон, инчунин усулҳои гузаронидани корҳои фаврӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, гузаронидани гуфтушунид ҳангоми рух додани бетартибиҳо - ба эътирофи қонуният ва мақоми кормандони маҳбас боис мегардад ва дар навбати худ хавфи фишору бетартибиҳоро, ки ҳаёти кормандони маҳбас ва маҳбусонро зери хатар мегузоранд, паст мекунад.

Дар робита ба нуктаҳои боло, Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон аз Ҳукумати кишвар даъват мекунад:

- бо тартиби фаврӣ таъмин намудани ҷомеа бо иттилооти муътамад оид ба сабабҳои рух додани ошӯб дар колонияи низомаш пурзӯри шаҳри Ваҳдат, рӯйхати шахсони ҳангоми ошӯб зарардида, инчунин ҷараёни гузаронидани тафтишот ва таъқиботи шахсони гунаҳгор;
- гузаронидани тафтишоти ҳамаҷониба, беғаразона, самаранок ва саривақтии сабабҳои ошӯб ва ҳама ҳолатҳои марги вобаста ба воқеаи рухдода;
- андешидани чораҳои мувофиқ дар мавриди роҳ надодан ба шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона нисбати маҳбусон вобаста ба рӯйдоди мазкур ва таъмин намудани тамоми кафолатҳои ҳуқуқи инсон дар ҷараёни гузаронидани тафтишот ва мурофиаи судӣ нисбати нафароне, ки дар ташкил кардан ва гузаронидани ошӯб гунаҳгор дониста мешаванд;
- таъмин намудани дастрасии Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ барои гузаронидани мониторинги мустақил;
- пурзӯр намудани ташкили омӯзиши системавии кормандони маҳбас оид ба ҳуқуқҳои маҳбусон, хусусиятҳои кор бо гуруҳҳои муайяни маҳбусон, бо шумули шахсоне, ки барои терроризм ва экстремизми зӯроварона маҳкум шудаанд, инчунин усулҳои гузаронидани корҳои фаврӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва алгоритми амалҳои корманди маҳбас ҳангоми ба миён омадани бетартибиҳо.

**Маълумоти мухтасар:** Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ намояндагони ташкилотҳои ҳуқуқҳимоякунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони инфиродиеро, ки фаъолияташонро барои мубориза бо шиканҷа ва муносибати бераҳмона амалӣ месозанд, муттаҳид намуда, фаъолияти худро дар асоси **Қоида ва шартҳои мувофиқашудаи иштирок дар Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон** ва **Стратегия** амалӣ менамояд.

Ба ҳолати 3-уми юни соли 2019 аъзо ва шарикони Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистонм13 ташкилоти ҷамъиятӣ ва 12 нафар шахсони инфиродӣ ба шумор меравanд:

1. ТҶ «Апейрон»
2. ТҶ «Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир»
3. ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
4. ТҶ «Созмони занони маъюб «Иштирок»»
5. ТҶ «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон»
6. Фонди ҷамъиятии «Нотабене»
7. ТҶ «Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон»
8. ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»
9. ТҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»
10. Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
11. ТҶ «Наҷоти кӯдакон»
12. ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон»
13. ТҶ “ОТИФА”
14. Абдураҳмон Шарипов, адвокат
15. Аскар Турсунов, адвокат
16. Аҳлиддин Салимов, рӯзноманигор
17. Гулчеҳра Холматова, адвокат
18. Ҷаъфарбек Юлдошев, ҳуқуқшинос
19. Зоир Раззоқов, коршиноси тиббӣ
20. Наргис Ҳамробоева, рӯзноманигор
21. Ранжет Ятимов, ҳуқуқшинос
22. Фазлиддин Хоҷаев, рӯзноманигор
23. Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
24. Умед Ниёзов, адвокат
25. Шухрат Саидов, ҳуқуқшинос